Ба Шӯрои дисертатсионии
6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич дар мавзӯи «Идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ: назария, методология ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат**

Дар диссертатсия масъалаҳои идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ баррасӣ мешаванд. Мақсади тадқиқот таҳия кардани асосҳои назариявию методологӣ ва методии рушди иқтидори кадрии савдои чакана ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ оид ба идоракунии самараноки он дар шароити иқтисоди рақамӣ интихоб шудааст.

Асоси назариявӣ ва методологии тадқиқотро корҳои муҳаққиқони муосири ватанӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳанд, ки ба омӯзиши моҳияти ташаккули салоҳияти кадрҳои савдои чакана ва равандҳои рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд. Таҳлили маълумотҳои оморӣ нишон дод, ки технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба ҳамаи соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеа фаъолона ворид шуда, ба рушди соҳаҳои иқтисодӣ таъсири калон мерасонанд. Дар зери таъсири равандҳои рақамӣ тартиби ҷамъоварӣ ва интиқоли иттилоот ба таври назаррас тағйир меёбад. Ба сабаби зуд фарсуда шудани техникаи куҳна ва ба вуҷуд омадани техникаи нав зарурати инкишоф додани малакаҳои нав ба миён меояд. Қариб ҳамаи касбҳо ва корхонаҳо дар оянда ҷузъи рақамӣ хоҳанд дошт. Дар таҳқиқот ба он нигаронида шудааст, ки модели салоҳиятдорӣ асоси тағйироти калидӣ дар самти омодасозии кадрҳо дар шароити рақамикунонии иқтисод мебошад.

Навсозӣ, ҷамъоварии донишҳо дар соҳаи технологияҳои рақамӣ барои ҳар як корманди савдои чакана, бахусус роҳбарону менеҷерони он бояд ба истифодаи шаклҳои гуногуни омӯзиш, табодули иттилоот, аз қабили иштирок дар конфронсҳои сатҳи байналмилалӣ ва байналмилалӣ, ҳамоишҳо, вохӯриҳо ва дигар чорабиниҳо, ки ҳадаф аз онҳо табодули таҷриба мебошад, асос ёбад.

Ба андешаи муаллифи диссертатсия рушди иқтидори кадрӣ дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ хусусиятҳои ба худ хос дорад ва дар ин замина рушди иқтисоди кадрии савдои чакана бешубҳа паҳлӯҳои норавшани худро дорад. Бинобар ин, дар ҷаҳони муосир нақши иқтисоди рақамӣ ба маврид ва бо суръати кайҳонӣ афзуда, омили инсонӣ дар паи омӯхтану татбиқи он пайваста заҳмат мекашад. Дар соҳаи савдои чакана ин раванд хеле босуръат мушоҳида мегардад, зеро тамоми амалиётҳо бо низоми итиилоотӣ ба хусус рақамикунонӣ иртиботи қавӣ доранд. Дар ин маврид нақши инсон ба куллӣ тағйир ёфта, аз "инсони иқтисодӣ" ба "инсони рақамӣ" мубаддал мегардад.

Муаллиф дар диссертатсия амсилаи иқтисодӣ-риёзии арзёбии иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити рақамикунонии иқтисодӣ таҳия ва татбиқ намудаст. Натиҷаи таҳлилҳои дисперсионалӣ нишон медиҳад, ки ҳамаи нишондиҳандаҳои қиммати регрессия барои тағйири ҷузъҳои таркибии иқтидори кадрӣ мувофиқ мебошанд. Омилҳои мутаассир дуруст ва дар асоси таҳлили коршиносӣ анҷом дода шудааст. Инчунин, муаллиф қайд намудааст, ки барои рушди минбаъдаи иқтидори кадрӣ истифодаи намудҳои гуногуни амсилаи иқтисодӣ - риёзӣ муфид мебошад. Амсилаи тарҳрезишуда имконият медиҳад, ки дурнамои нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии алоқаманд ба рушди иқтидори кадрии савдои чакана барои давраи дарозмуддат пешгӯи карда шавад.

Хулосаҳое, ки муаллиф дар соҳои савдо таҳия намудааст, дорои навовариҳои илмӣ мебошанд. Пешниҳод ва натиҷаҳои асосии илмӣ

метавонанд аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар таҳияи барномаи стратегии рушди сармояи инсонӣ ва дар ин замина рушди иқтидори кадрӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дар соҳаи савдо ва инфрасохтори онҳо истифода шаванд.

Илова бар ин, аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки тавсияҳои мушаххасе таҳия шудаанд, ки ҳангоми таҳияи барномаҳо, лоиҳаҳо ва нақшаҳои стратегии рушди иқтидори кадрӣ дар соҳаи савдои чакана истифода шаванд. Муносибатҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди иқтидори кадрӣ, ки дар рисола таҳия шудаанд, метавонанд ҳамчун заминаи методологӣ ва заминаи таҳияи принсипҳои идоракунии мақсадноки кормандон хизмат кунанд.

Дар автореферати тақризшаванда дар қатори афзалиятҳо, баъзе камбудиҳо ва нуқтаҳои баҳсталаб ба назар мерасад, ки қайд намудани онҳоро зарур мешуморем:

**1.** Дар автореферат муаллиф унсурҳои ба вуҷудоварандаи сармояи инсониро дар шароити рақамикунонӣ нишон додааст, аммо онҳоро ба таври зарурӣ тавзеҳ надодааст?

**2.** Дар расми 19 муаллиф механизми татбиқи инноватсионии рушди иқтидори кадрӣ дар бахши савдоро таҳия намудааст, ки он шарҳу тавзеҳи бештар мехоҳад?

**3.** Аз ҷониби муаллиф модели стратегии идоракунии иқтидори кадрии савдо таҳия гардидааст, вале то андозае хусусиятҳои он пурра шарҳ наёфтааст?

Бояд тазаккур дод, ки эроду тавсияҳои зикршуда сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевичро коҳиш намедиҳад. Дар умум нисбати автореферати диссертатсия метавон гуфт, ки таҳқиқоти ба итмом расида аст, мустақилияти муаллиф дар омода намудани диссертатсия эҳсос мешавад.

Умуман, диссертатсияи Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич кори илмии пурра ба анҷом расонидашуда ҳисобида шуда, дар асоси

талаботи илмӣ- назариявӣ ва амалияи муосир анҷом ёфтааст ва ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат арзанда мебошад.


**Тақриздиҳанда:**
мудири кафедраи назарияи
иқтисодӣ ва иқтисодиёти рушди
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Усманова Т.Ҷ.

Суроға: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,
734036, ш. Душанбе, к. Н. Карабаев, 63/3,
Тел: (+992-37) 234-79-90
E-mail: info@tut.tj


Имзои д.и.и., профессор Усманова Т.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДТТ Бухориев Н.А.